# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар мисоли коллеҷҳои омӯзгории вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат дорад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Шарипов Ҳалим Ҳокимович яке аз мавзуъҳои ҳалталабе мебошад, ки низоми ватании тарбияи ҷисмонии ҷавонон ва донишҷӯён дар тӯли солҳои зиёд асоси ташаккулёбии тандурустии ҷисмонии шахсияти мутахассисони оянда мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷараёни таълиму омӯзиши тарбияи ҷисмонӣ ба вазифаҳои асосии омодагии ҷисмонӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва таҳкими саломатии донишҷҷӯён мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, тайёр ва омода намудани кормандони соҳаи омӯзгорӣ дар шароити имрӯза боису нигаронӣ дар мазмуни таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мегардад, ки бештар бо васеъшавӣ ва дигаргуниҳои сифатии доираи фаъолияти касбии онҳо алоқаманд мебошад.

Таҳқиқотҳои солҳои охир собит намуданд, ки теъдоди бештари омӯзгорон муҳиммияти тарбияи ҷисмониро ҳамчун воситаву васоили мустаҳкам кардани саломатӣ ва барқарор кардани қувваҳои ҷисмонӣ мешуморанд, вале бояд тазаккур дод, ки на ҳамаи омӯзгорони синфҳои

ибтидоӣ ба ташкил намудан ва гузаронидани фаъолияти ҷисмониву варзишӣ омодаанд, махсусан норасоӣ дар дониш ва маҳорату малакаҳои истифодаи воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ дар корҳои тарбиявӣ бо хонандагони хурдсол эҳсос мегардад.

Андешаҳои дар боло зикргардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мубрам ва муҳим мебошад.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро консепсияи фаъолияти М.С. Каган, А.Н. Леонтев, Д.И. Фелдштейн ташкил медиҳад; "Табодул"- и омодагӣ ба малакаҳо (М,М, Беген, В.М. Затслорский, Л.П. Матьеев, В.П. Филип ва диг.); ташаккули шахсият ва касбияти муаллим дар низоми мутаассили таҳсилоти омӯзгорӣ (О.А. Абдуллина, С.И. Аохангелский , Е.Л. Белозегсов , Ю.В. Варданян, А.А. Вербигский, Н.В. Кузмина, Ю.Н. Кулюткин, М.М. Левина, М. Лутфуллоев, В.А. Сластенин, А.Ф. Спирин, Ф. Шарифзода ва диг.); технологияҳои инноватсионии педагогии омодасозии омӯзгор (В.П. Велалко, Е.В. Бандаревская, И.Ф. Исаев, В.А. Караковский, Л.С. Подимова, В.В. Сериков, Ф. Шарипов, Е.А. Янбург ва диг.); таҳсилот дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ (В.М. Видрин, Д.Ҷ. Каримова, Т.С. Лесгафт, Л.И. Лубишева, В.И. Лях, М.Ҳ. Саидова, Ш.А. Сафаров , К.Ш. Шукроев); ташаккули салоҳиятҳои касбии тарбияи ҷисмонӣ (Г.И. Макеев, С.С. Каровин, В.А. Кабачков ва диг.) ташкил мекунанд.

Зеро, тавре, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, ҷиҳати ба даст овардани донишҳои илмӣ - методӣ дар бораи роҳандозии ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ дар шароити хуби таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки солҳои охир дар шароити номусоиди таълимӣ қарор дошт, ки ин дар баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва касбияти ихтисосмандон монеъа эҷод мекунад, иборат мебошад.

Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Шарипов Ҳалим дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ – амалӣ, ки хулосаи мантиқии таҷрибаи озмоишии бозтавлидшуда асоси шавқу рағбат, арзёбии аҳамият ва иддао нисбати машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зимни баён намудани онҳо дар асоси ҳаллу фасли вазифаҳои асосӣ ва махсус (иловагӣ) пойгоҳи назариявиро дар бораи падидаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ дар мактаби муосир васеъ менамояд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосир ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Шарипов Ҳалим дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон комёб гаштааст. Аз он ҷумла:

- мундариҷа ва методикаи қисми омодагии ҳар як дарс бояд ба тағйирёбанда будани интихоб аз як қатор маҷмуи машқҳои пешакӣ бо самтҳои гуногуни ҳадаф асос ёбад , ки шарти он ба арзёбии амалии ҳолати умумии гурӯҳи омӯзишии донишҷӯён мебошад;

- дар қисми асосии дарс мундариҷаи пешбинишудаи барнома амалӣ карда мешавад, дар ҳоле ки вазифаҳои тарбияи ҷисмонии асосӣ ва заминавӣ, инчунин барои ба даст овардани натиҷаи зарурӣ, қувват ҳал карда мешаванд;

- омодагӣ, тавсия дода мешавад, ки дар ҳар як дарс барои машқҳои қувватнокӣ 5-8 дақиқа ҷудо карда шавад;

- дар қисми ниҳоӣ бояд ду вазифа ҳамзамон ҳал карда шаванд: 1) барқароркунӣ ба дараҷае, ки барои идомаи омӯзиш дар дарсҳои минбаъда кофӣ бошад ; 2) омӯхтани усулҳои амалии барқарорсозӣ бо мақсади истифодаи онҳо дар оянда ба таври мустақилона ҳам дар вақти мактаб ва ҳам берун аз синф;

- тавсияҳои методӣ доир ба ташкил ва татбиқи машғулиятҳои таълимӣ ва мустақилона, инчунин низоми алоқаи баргаштӣ ва назорат аз болои иҷроиши супоришҳо ва динамикаи тағйироти ба амалоянда таҳия карда шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва самараноки роҳу усулҳои фаврии барқарор намудани қувваи кории донишҷӯён дар қисмати дуюми рӯзи таълимӣ, ки истифодаи онҳо иштироки фаъоли донишҷӯёнро дар ҷараёни таълим таъмин мекунанд арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Шарипов Ҳалим, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот

гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот баҳсбарангез набуда, асоси илмиву амалӣ доранд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар таҳсилоти олии касбӣ ташкил медиҳанд то андозае аниқ карда шудааст;

- технологияи баргузории машғулияти тарбияи ҷисмонӣ таҳия шуда, хусусиятҳои хоси он дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шудааст;

- технологияи педагогии машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияи омӯзгорӣ коркард шуда, мавриди озмоиш қарор дода шуд ва самаранокии он дар ташаккули арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ собит шудааст.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди ташаккули фаъолнокии донишҷӯён бо донишҷӯёни Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, ки аз рӯи ихтисоси «Тарбияи ҷисмонӣ» таҳсил мекарданд, гузаронида шуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқу таҳлил қарор дода шуданд:

- ҷанбаҳои назариявӣ ва моҳияти тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, ошкор карда шуданд;

- асосҳои психологӣ-педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шуданд;

- самтҳои асосии беҳдоштӣ-профилактикии ташкили машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аниқ карда шуданд.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

- дар ҳолати дастрасӣ ба лавозимотҳои варзишӣ ва хуб ба роҳ мондани шароити таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил кардани машғулиятҳо, намудҳои хурди машғулиятҳои варзишӣ дар шакли машқҳои алоҳида ва ё маҷмӯаҳо барои иҷро кардани машқҳои беҳдоштӣ имконият медиҳанд;

- ошкор карда шуд, ки ҷараён гирифтани таълим дар шароити номусоид ва дастрас набудани лавозимоти варзишӣ барои иҷрои машқҳои тарбияи ҷисмонӣ асоси коҳиш ёфтани нишондиҳандаҳои функсионалии ҳолати организм, қобилияти зеҳнӣ, омодагии ҷисмониву касбӣ ва зиёд шудани беморӣ мегардад;

- дар нимаи дуюми рӯзи таълимӣ барои баромадан аз ҳолати хасташавӣ ва дастгирии кори фикрии донишҷӯён иштироки онҳо дар маҳфилҳо, озмунҳо, олимпиадаҳо ва дигар воҳӯрию чорабиниҳои варзишӣ мувофиқи мақсад аст.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*

Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро мавриди таҳқиқот анҷом додааст.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психология, шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ҳарбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф, муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шуданд. Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин тавассути ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ: конференсияҳо ва мизҳои мудаввар тасвиби худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*

Арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- самтҳои афзалиятноки тарбияи ҷисмонӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷисмонии донишҷӯёни таълимгиранда дар шароитҳои номусоиди таълимӣ таҳсил мекунанд, мусоидат мекунад, мураттаб карда шудааст;

- мазмун ва мундариҷаи машғулиятҳои таълимии тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯёне, ки дар шароити номусоиди таълимӣ таҳсил карда, имконияти иҷрои накшаю барномаҳои таълимиро надоранд, таҳия карда шудааст;

- шаклҳои хурди машғулиятҳои варзишӣ дар намуди машкҳои ҷудогона ва маҷмуи онҳо барои иҷро намуданашон дар шароити хона, ки рушди максадноки сифатҳои муайяни ҷисмониро чун василаи такмил барои сарбориҳои ҷисмонӣ, ҷиҳати иҷрои онҳо дар машғулиятҳои таълимӣ таъмин мекунанд ба шароити муосир мутобик карда шудаанд;

- тавсияҳои методӣ доир ба ташкил ва татбики машғулиятҳои таълимӣ ва мустакилона, инчунин низоми алокаи баргаштӣ ва назорат аз болои иҷроиши супоришҳо ва динамикаи тағйироти ба амалоянда таҳия карда шудаанд;

- роҳу усулҳои самараноки фаврии баркарор намудани кувваи кории донишҷӯён дар кисмати дуюми рӯзи таълимӣ, ки истифодаи онҳо иштироки фаъоли донишҷӯёнро дар ҷараёни таълим таъмин мекунанд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои такризшавандаи илмӣ:*

Натиҷаҳои асосии таҳкикоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳкикотро ифода карда, дар ду номгӯй дастури таълимӣ, ду номгӯй барномаи таълимӣ ва 16 номгӯй маколаҳои илмӣ, ки 9 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии такризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва маколаҳои илмии чопшуда мувофик буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳкикоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибки талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:* Дар баробари натиҷаҳои муҳими илмиву амалӣ дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиҳо ҷой ёфтаанд, ки ислоҳталабанд:

1. Азбаски дар ҷумҳурӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ муносибати босалоҳият ба таълим роҳандозӣ шудааст, бисёр хуб мешуд, якчанд нақшаи дарси намунавӣ тибқи муносибати босалоҳият ба таълим барои омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар диссертатсия ҷой дода мешуд, ки дар натиҷа муҳтавои диссертатсия боз ғанию мукаммалтар шуда, дигар омӯзгорони ин фан аз он истифода мебурданд.

2. Дар қисмати адабиёти истифодашуда баъзе сарчашмаҳое ба чашм мерасад, ки ба мавзуи диссертатсия мувофиқ нестанд ва истифода нашудаанд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шуда, довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаишуда ноил ва вазифаҳои илмии таҳқиқотро дуруст ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

2. Диссертатсияи Шарипов Ҳалим Ҳокимович дар мавзуи “Хусусиятҳои ташаккулёбии арзишҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён - омӯзгорони оянда дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (дар мисоли коллеҷҳои омӯзгории вилояти Хатлон)”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, ректори Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба
номи С. Раҳимов Сафаров Ш.А.

**Маълумот барои тамос:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Лучоб, 53; ДТҶТ ба номи С.Раҳимов, тел.+992 _22456876-52-73, +992 92 77 78 70; Почтаи электронӣ: *E- mail: mehrpaivand @inbox.ru;*

*Имзои Сафаров Шодӣ Асомуродовичро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ-и МДТ* Д.ТҶТ ба номи С. Раҳимов

ШУЪБАИ КАДРҲО

*Расулов Маъруф*